# ФАРМОИШ
# КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«26» октябри соли 2016 ш. Душанбе **№242-в**

Дар бораи тасдиқи Стандарти давлатии тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷиҳати иҷрои моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» ва мутобиқи зербанди 14 банди 10 Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 609 тасдиқ шудааст, фармоиш медиҳам:

1. Стандарти давлатии тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати тарбияи ҷисмонӣ ва инкишофи варзиш, Муассисаи давлатии "Хонаи ҷумҳуриявии методӣ" ва муассисаҳои тайёрии варзишӣ ҷиҳати татбиқи Стандарти давлатии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.
5. Раёсати тарбияи ҷисмонӣ ва инкишофи варзиш ҷиҳати чоп ва дастрас намудани Стандарти давлатии мазкур ба муассисаҳои тайёрии варзишӣ чораҳои дахлдор андешад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумита Назаров Д. гузошта шавад.

Раис А. Абдуллозода

Замима бо фармоиши Раиси Кумитаи
ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» октябри соли 2016, №242-в
тасдиқ шудааст

## Стандарти давлатии тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Стандарти давлатии тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ(минбаъд – Стандарти давлатӣ ) дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» таҳия карда шудааст ва шарту талаботҳорооид ба тайёрии варзишӣ дар ташкилоту муассисаҳое, ки дар асоси қонун тайёрии варзиширо амалӣ мегардонанд, муайян менамояд.

### 1. Талабот ба сохтор ва мазмуни барномаи тайёрии варзишӣ, аз ҷумла азхудкунии қисмҳои назариявӣ ва амалии он мутобиқ ба ҳар як зинаҳои тайёрии варзишӣ

1. Барномаи тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ(минбаъд - Барнома) бояд сохтор ва мазмуни зеринро дошта бошад:

- варақаи муқова;
- муқаддима;
- мактуби фаҳмондадиҳӣ;
- қисми меъёрӣ;
- қисми ташкилию методӣ;
- нақшаи таълимӣ;
- ҷузвҳо оид ба намуди варзиш: тайёрии назариявӣ; тайёрии ҷисмонӣ; тайёрии тактикӣ- техникӣ; тайёрии психологӣ ва корҳои тарбиявӣ; тайёрии дастурӣ ва доварӣ;
- сохтори назорат ва талаботҳои санҷишӣ;
- чорабиниҳои барқарорсозӣ;
- намуд ва шаклҳои машғулиятҳои амалӣ;
- замима;
- номгӯи таъминоти барномавӣ;
- нақшаи чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва чорабиниҳои варзишӣ.

2. Дар «Варақаи муқова»-и Барнома нишон дода мешавад:

- номгӯи навъи варзиш ва низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё ки «Масофа»;
- номгӯи ташкилоте, ки тайёрии варзиширо иҷро менамояд;
- номи Барнома;
- номи Стандарти тайёрии варзишие, ки дар асоси он Барнома таҳия шудааст;
- таҳиягарони Барнома;
- тақризгарони Барнома;
- мӯҳлати иҷрои Барнома;

- соли тартибдиҳии Барнома.

3. Дар «Муқаддима»-и Барнома хусусиятҳои умумии намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣдода шуда, хусусиятҳои фарққунандаи ворид гардидани намудҳои низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё ки «Масофа» ба сайёҳии кӯҳӣдарҷ карда мешавад;

4. Дар «Мактуби фаҳмондадиҳӣ»-и Барнома хусусияти ташкили раванди тамрин, сохтори системаи тайёрии бисёрсола (зинаҳо, дараҷаҳо, тартиб) барои ҳар як азнизоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» баён карда мешавад.

5. Дар «Қисми меъёрӣ»-и Барнома оварда мешавад:

- ҳуҷҷат ва низомномаҳои асосии директивӣ ва меъёрии танзимкунандаи тайёрии варзишӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба тартибандозандаи ба кор дарории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои махсусии тайёрӣ, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои сайёҳии кӯҳӣдар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- шартҳои пур кардани гурӯҳ дар тайёрии ибтидоӣ, давомнокии зинаи тайёрии варзишӣ, меъёрҳои ҳаҷми максималии сарбории тамрин, синну соли минималии шахсон барои қабул намудан ба зинаҳои тайёрии варзишӣ ва шумораи минималии шахсоне, ки тайёрии варзиширо дар гурӯҳҳо дар зинаҳои тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ- низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» мегузаранд (Нақшаи А.1.1 ва А.1.2 ба Стандарти давлатӣ);

6.. «Қисми методӣ-ташкилӣ»-и Барнома бояд дошта бошад:

- талаботҳои тиббӣ, синну солӣ ва психологӣ ба шахсоне ки тайёрии варзиширо мегузаранд;

- таносуби ҳаҷми раванди тамринӣ оид ба тайёрии варзишӣ дар зинаҳои тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ- низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» (Нақшаи А.2.1 и А.2.2 ба Стандарти давлатӣ);

- тавсия оид ба банақшагирии натиҷаҳои варзишӣ;

- сохтори давраи солона (ном ва давомнокии марҳилаҳо, зинаҳо ва мезосиклҳо).

7. Ҷузъи «Нақшаи таълимӣ»- и Барнома инҳоро дорад:

- тақсимоти соатҳои таълимӣ оид ба зинаҳои тайёрӣ (Нақшаи А.3.1 и А.3.2 ба Стандарти давлатӣ);

- ҳаҷми тавсиявии сарбории таълимию машқӣ бо солҳо дар зинаҳои тайёрии варзишӣ.

8. Ҷузъи «Тайёрии назариявӣ»-и Барнома дар худ нақшаи таълимӣ ва маводҳои таълимии тайёрии назариявӣ дар зинаҳои тайёриро дорад.

9. Ҷузъи «Тайёрии ҷисмонӣ»-и Барнома инҳоро дорад:

- реҷаи корҳои машқӣ;

- корҳои ҳадди аксари машқӣ;

- самтҳои имтиёзноки тайёрии ҷисмонӣ дар зинаҳои тайёрӣ;

- методҳои тавсиявии таълимӣ ва тарбиявӣ;

- вазифа ва чораҳои намунавии тайёрии ҷисмонӣ дар давраи сол бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

10. Ҷузъи «Тайёрии тактикию техникӣ»-и Барнома инҳоро дорад:

- хусусиятҳои сохтории тайёрии тактикию техникӣ дар намуди варзиши сайёҳии кӯҳибо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- методҳои тавсиявии таълимӣ ва тарбиявӣ;

- нишондодҳои нақшавии фаъолияти мусобиқавӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳибо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» (Нақшаи А.4.1 и А.4.2 ба Стандарти давлатӣ);

- самтҳои имтиёзноки тайёрии тактикию ҷисмонӣ дар зинаҳои тайёрӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- нақшаи намунавии тайёрии тактикию техникӣ дар зинаҳои тайёрӣ.

11. Ҷузъи «Тайёрии психологӣ ва корҳои тарбиявӣ»-и Барнома инҳоро дорад:

- хусусият ва тавсияҳо оид ба ташкил кардани тайёрии психологӣ дар намуди варзиши сайёҳии кӯҳибо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- самтнокии тайёрии психологӣ ва корҳои тарбиявӣ дар зинаҳои тайёрӣ.

12. Дар ҷузъи «Тайёрии дастурӣ ва доварӣ»-и Барнома самтҳои имтиёзноки маълумоти намудҳои тайёрӣ дар зинаҳои таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» баён карда мешавад.

13. «Сохтори назорат ва талаботҳои санҷишӣ»-и Барнома бояд дар худ дошта бошад:

- муайянии маҳакҳои тайёрии шахсоне,ки тайёрии варзиширо дар ҳар зинаҳои тайёрии варзишӣ, бо назардошти синну сол ва таъсири сифатҳои ҷисмӣ ва ҷусса дар натиҷаи намуди варзиши сайёҳии кӯҳимегузашта (Нақшаи А.5 ба Стандарти давлатӣ ) бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- талабот ба ташкил ва гузаронидани назоратҳои тиббию педагогӣ,психологӣ ва биокимиёвӣ;

- намудҳои назорати умумӣ ва махсуси ҷисмонӣ, тайёрии техникӣ-варзишӣ ва тактикӣ, санҷиши назорати комплексӣ ва меъёрҳои назоратӣ- санҷишӣ дар сол ва зинаи тайёрӣ, мӯҳлати гузаронидани назорат;

- маҷмӯи машқҳои санҷишӣ барои баҳои умумӣ, тайёрии махсуси ҷисмонӣ, тайёрии техникию тактикии шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд, нишондодҳои методии ташкили санҷиш, методҳо ва ташкили ташхиси методию-биологиро бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» мегузаранд.

14. «Чораҳои барқарорсозӣ»-и Барнома намудҳои чораҳои барқарорсозӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи онҳоро бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» дар бар мегирад.

15. Дар ҷузъи «Машғулиятҳои амалӣ»-и Барнома маводҳои таълимӣ барои машғулиятҳои амалӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» оварда мешавад.

16. Дар ҷузъи «Замима»- Барнома инҳо оварда мешаванд:

- номгӯи намунавии таҷҳизотҳои сайёҳӣ, лавозимот ва иаҷҳизотҳо барои гузаронидани роҳпаймоиҳои варзишӣ, иштирок дар мусобиқаҳо дар масофа, машғулиятҳои машқӣ ва амалӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣбо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- нақша-конспекти гузаронидани машғулиятҳои машқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- нақша-конспекти гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа».

17. «Номгӯи таъминоти иттилоотӣ»-и Барнома бояд инҳоро дар бар гирад: рӯйхати сарчашмаҳои адабӣ, номгӯи воситаҳои аудиовизуалӣ, номгӯи захираҳои интернетие, ки барои истифода дар кори шахсоне, ки тайёрии варзишӣ иҷро мекунанд ва ҳангоми гузаштани тайёрии варзиширо бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» мегузаранд, заруранд.

18. Нақшаи чорабиниҳои варзишию ҷисмонӣ аз тарафи ташкилот ташаккул меёбад, ки тайёрии варзиширо дар асоси нақшаи ягонаи тақвимии чорабиниҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва чорабиниҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» иҷро менамоянд.

19. Ҷузъи алоҳида дар Барнома метавонад ҷузъи «Хусусиятҳои тайёрии варзишии маъюбон оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ» бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа», инчунин категорияҳои маъюбии машқкунандагон муайян карда шавад.

## 2. Меъёрҳои тайёрии ҷисмонӣ ва меъёрҳои дигари варзишӣ бо назардошти синну сол, ҷинсияти шахсе, ки тайёрии варзиширо мегузарад, инчунин хусусиятҳои низоми варзишии гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»-и намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ(гурӯҳи намудҳои низоми варзишӣ)

20. Меъёрҳо оид ба намудҳои тайёрии варзишӣ ва мутобиқати онҳо дар зинаҳои тайёрии варзишӣ дар гурӯҳҳое, ки ба намуди варзиш бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» машғуланд, дар бар мегиранд:

-меъёрҳои тайёрии умумии ҷисмонӣ ва махсуси ҷисмонӣ барои ба гурӯҳ дар зинаҳои тайёрии ибтидоии варзишӣ дохил намудан(НақшаиА.6 ба Стандарти давлатӣ);

-меъёрҳои тайёрии умумии ҷисмонӣ ва махсуси ҷисмонӣ дар зинаи тайёрии ибтидоӣ(НақшаиА.7 ба Стандарти давлатӣ);

-меъёрҳои тайёрии умумии ҷисмонӣ ва ҷисмонии махсус дар зинаи -

меъёрҳои тайёрии умумии ҷисмонӣ ва ҷисмонии махсус дар зинаи машқию таълимии таълимоти 3-5 сола (НақшаиА.9 ба Стандарти давлатӣ);

-меъёрҳои тайёрии умумии ҷисмонӣ ва ҷисмонии махсус дар зинаҳои мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ и маҳорати олии варзишӣ (НақшаиА.10.1, А.10.2, А.10.3 ба Стандарти давлатӣ);

## 3. Талабот ба иштироки шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд ва шахсоне, ки онро дар мусобиқаҳои варзишӣ, ки мутобиқи барномаи иҷрошавандаи тайёрии варзишӣ пешбинӣ шудаанд, иҷро менамоянд

21. Талабот ба иштирок дар мусобиқаҳои варзишии шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд:

- мутобиқати синну сол ва ҷинси иштирокчӣ ба низомнома оид ба мусобиқаи расмии варзишӣ ва қоидаҳои намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ;
- мутобиқати сатҳи таснифоти варзишии иштирокчӣ ба низомнома оид ба мусобиқаи расмии варзишӣ дар мувофиқа бо Таснифоти ягонаи варзишӣ ва қоидаҳои намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ;
- иҷрои нақшаи тайёрии варзишӣ;
- гузаронидани интихоби пеш аз мусобиқавӣ;

-мавҷуд будани хулосаи тиббӣ оид ба иҷозат ҷиҳати иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ;

- мавҷуд будани суғуртанома аз ҳолатҳои нохуш;
- риоякунии қоидаҳои умумии зиддидопингие, ки аз ҷониби ташкилоти байналмилалии зиддидопингӣ тасдиқ шудааст.

22. Шахсе, ки тайёрии варзиширо мегузарад аз тарафи ташкилот равона карда мешавад, ки аз тарафи тайёрии варзишӣ дар мусобиқаҳои варзишӣ мутобиқи нақшаи чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, низомнома оид ба мусобиқаи варзишӣ ва чорабиниҳои варзишӣ сафарбар карда мешавад.

## 4. Талабот ба натиҷаҳои иҷрои барномаи тайёрии варзишӣ дар ҳар як зинаи тайёрии варзишӣ

23. Натиҷаи иҷрои Барнома ба ҳисоб меравад:

а)дар зинаи тайёрии ибтидоии варзишӣ:

- ташаккулёбии манфиати мустаҳкам ба машғулиятҳои варзишӣ;
- ташаккулёбии доираи васеи малакаи ҳаракатӣ ва малакаҳо;

- таълимоти қобилиятҳои махсус барои бо муваффақият азхудкунии малакаҳои сайёҳии кӯҳибо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- азхудкунии асосҳои техникӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- рушди ҳамаҷонибаи мутаносибии сифатҳои ҷисмонӣ;

- мустаҳкам намудани саломатии варзишгарон;

- интихоби варзишгарони перспективии ҷавон барои машғулияти минбаъда оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳибо дарназардошти хусусиятҳои намуди низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа».

б)дар зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаитахассуси варзишӣ):

- баланд бардоштани дараҷаи тайёрии умумӣ, махсуси ҷисмонӣ ва тайёрии психологӣ;

- ба даст овардани усулҳои интихобшудаи тактико-тактикии низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» ва намудҳои ба ҳам наздики низоми гурӯҳ дар ин гурӯҳҳо;

- тахассуси ибтидоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди сайёҳии низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа».

- таҷриба ва ба даст овардани устувории баромад дар мусобиқаҳои расмии варзишӣ оид ба намуди интихобкардаинамуди сайёҳии низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- ташкили ҳавасмандгардонии варзишӣ;

- солимгардонии варзишгарон.

в) Дар зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ бо дарназардошти хусусиятҳои интихобкардаи намуди сайёҳии низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»:

- баланд бардоштани тайёрии ҳамаҷониба то сатҳи талаботе, ки ба варзишгарон бо роҳпаймоии дараҷаи баланди мушкилӣ ё ин ки мусобиқаи сатҳи баланд дода мешавад.

- ба даст овардани тайёрнокии баланди тактикию техникӣ дар асоси хусусигардонӣ ва кор дар даста;

- мусоидии нишондоди натиҷаҳои баланди варзишӣ дар мусобиқаҳои минтақавии расмӣ ва минтақавӣ;

-иштирок дар фаъолияти шуъба, дар мактабҳо ба сифати довар,дастурдиҳанда, роҳбари роҳпаймоиҳои варзишӣ оид ба интихобкардаи намуди сайёҳӣ дар гурӯҳи интизоми гурӯҳи «Хатсайр»;

- ҷонибдории сатҳи баланди ҳавасмандгардонии варзишӣ;

- ҳифзи саломатии варзишгарон.

г)дар зинаи маҳорати олии варзишӣ:

- комёбии натиҷаҳои сатҳи дастаи мунтахаби яккачини ҶумҳурииТоҷикистон;

- баланд бардоштани намоиши муътадили натиҷаҳои баланди варзишӣ дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

24. Ҳангоми иҷро нагардидани меъёрҳои стандарт ва барномаҳои тайёрии варзишӣ варзишгарон ба зинаҳои болоӣ гузаронида намешаванд. Дар ин ҳолат варзишгар бо қарори Шӯрои мураббиён, вале на зиёда аз ду сол дар ин зина мононда мешавад.

25. Сохтори интихоби варзишӣ дар бар мегирад:

- тамошои оммавӣ ва санҷиши ҷавонон ва духтарон бо мақсади мутобиқшавии онҳо дар машғулиятҳои варзишӣ;

- интихоби варзишгари навраси ояндадор барои пур кардани гурӯҳҳои тайёрии варзишӣ бо дарназардошти хусусиятҳои намуди сайёҳии низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»;

- азназаргузаронӣ ва интихоби варзишгари навраси ояндадор ба дастаҳои машғулиятӣ ва мусобиқаҳо.

26. Синну соли максималии шахсоне, ки тайёрии варзиширо оид ба Барномаи дар зинаи маҳорати олии варзишӣ мегузарад, маҳдуд карда намешавад.

27. Ташкилотҳои таълимие, ки барномаҳои таълимиро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амалӣ мегардонанд, барои хатмкунандагони болаёқати ояндадор метавонанд имконияти гузаронидани тайёрии варзиширо дар базаи худ дар муддати то чор сол (то 10% аз шумораи хонандагон) пешниҳод кунанд.

## 5. Хусусиятҳои амалигардонии тайёрии варзишӣ оид ба низомиалоҳидаи варзишии намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

28. Хусусиятҳои амалигардонии тайёрии варзишӣ низоми гурӯҳҳои«Хатсайр» ё «Масофа»-и намуди варзишисайёҳии кӯҳӣ дар Барнома муайян карда мешаванд.

29. Хусусиятҳои амалигардонии тайёрии варзишӣ оид ба тартиб дар гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ ҳангоми гуфтаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

- тартиб додани нақшаи тайёрии варзишӣ, оғоз кардан аз зинаи тайёрии ибтидоӣ;

- ташкили нақшаи чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ.

30. Раванди тамринӣ дар ташкил, иҷрои тайёрии варзишӣ мутобиқи барномаи солонаи тамринӣ, ки ба 52 ҳафта ҳисоб карда шудааст, иҷро карда мешавад.

31. Шаклҳои асосии иҷрои тайёрии варзиш ба ҳисоб меравад:

- машғулиятҳои гурӯҳӣ ва фардии тамринӣ ва назариявӣ;
- кор бо нақшаи фардӣ;
- ҷамомадҳои тамринӣ;
- иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ ва чорабиниҳо;
- таҷрибаи дастурӣ ва таҷрибаи судӣ;
- чорабиниҳои тиббӣ - барқарорсозӣ;
- санҷиш ва назорат.

32. Кор бо нақшаҳои алоҳидаи тайёрии варзишӣ дар зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ ва маҳорати олии арзишӣ иҷро карда мешавад.

33. Барои гузаронидани машғулиятҳо дар зинаҳои мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ ва маҳорати олии варзишӣ, ба ғайр аз мураббии асосӣ (мураббӣ-омӯзгор) оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ, иловатан мураббии дуюм (мураббӣ – омӯзгор) оид ба

тайёрии умумиҷисмонӣ ва махсуси варзишӣ ҳангоми шароити кори якҷоя бо шахсоне, ки омодагии варзишро мегузаранд, ҷалб карда мешавад.

34. Барои таъмини тайёрии ҳамасолаи варзишӣ, тайёрӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ ва истироҳати фаъол (барқароршавӣ)-и шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд, ҷамъомадҳои машқӣ ташкил карда мешаванд, ки қисми таркибии (пешниҳод) раванди машқӣ мутобиқи номгӯи ҷамъомадҳои машқӣ ба ҳисоб мераванд(НақшаиА.11 ба Стандарти давлатӣ ).

35. Низоми ташаккули гурӯҳи тайёрии варзишӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣаз тарафи ташкилоте, ки тайёрии варзиширо иҷро менамояд мустақилона муайян карда мешавад.

36. Ҳангоми иҷро нагардидани меъёрҳои стандарт ва барномаҳои тайёрии варзишӣ аз ҷониби варзишгар, ӯ ба зинаи болоӣ гузаронида намешавад. Дар ин ҳолат, варзишгар бо қарори Шӯрои мураббиён, вале на зиёда аз ду сол дар ин зина мононда мешавад.

37. Бо назардошти махсусияти намуди гурӯҳҳоисайёҳӣнизоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа» намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣхусусиятҳои зерини тайёрии варзишӣ муайян карда мешаванд:

- пур кардани гурӯҳҳои тайёрии варзишӣ, аз ҷумла банақшагирии машғулиятҳои тамринӣ (оид ба ҳаҷм ва сарбории интенсивии тамринии самҳои гуногун) мутобиқи хусусиятҳои рушди гендерӣ ва синну солӣ иҷро карда мешавад.

- вобаста аз шароит ва ташкили машқ, аз ҷумла шароити гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, тайёрӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣдар асоси риояи ҳатмии чораҳои зарурии бехатар бо мақсади нигоҳ доштани саломатии шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд, иҷро карда мешавад.

## 6.Талабот ба шартҳои амалигардонии Барнома, аз ҷумла кадрҳо, базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори ташкилотҳое, ки тайёрии варзиширо амалӣ мегардонанд ва дигар шартҳо

38. Ташкилотҳое, ки тайёрии варзиширо амалӣ менамоянд бояд риояи талабот ба шартҳои амалигардонии Барномаро, аз ҷумла кадрҳо, базаи моддӣ-техникӣ, инфрасохтор ва дигар шартҳое, ки тибқи стандарти давлатии мазкур тасдиқ карда шудаанд, таъмин намоянд.

39. Талабот ба кадрҳои ташкилоте, ки тайёрии варзиширо иҷро менамоянд:

- дар зинаи тайёрии  ибтидоии варзишӣ – мавҷуд будани маълумоти миёнаи касбӣ ва маълумоти олии касбӣ бе нишон додани талабот нисбат ба собиқаи корӣ аз рӯи тахассус, барои низоми гурӯҳи «Хатсайр» мавҷуд будани маълумоти иловагии кадрии «Ташкилкунандаи сайёҳии кӯҳӣ» ва иҷроиши меъёрҳои дараҷаи 2 барои ҳар кадом гурӯҳҳо аз низоми гурӯҳҳои «Хатсайр»;

- дар зинаи машқӣ-таълимии таҳсилоти 1-2 сола - мавҷуд будани маълумоти миёнаи касбӣ ва маълумоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ аз

рӯи тахассус на камтар аз 1 сол, барои низоми гурӯҳи «Хатсайр» мавҷуд будани маълумоти иловагии кадрии «Ташкилкунандаи сайёҳии кӯҳӣ» ва иҷроиши меъёрҳои дараҷаи 2 барои ҳар кадом гурӯҳҳо аз низоми гурӯҳҳои «Хатсайр»;

- дар зинаи машқӣ-таълимии таҳсилоти 3-5 сола - мавҷуд будани маълумоти миёнаи касбӣ ва маълумоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ аз рӯи тахассусна камтар аз 2 сол, барои низоми гурӯҳи «Хатсайр» мавҷуд будани унвони кадрии «Дастурдиҳандаи сайёҳии кӯҳӣ» ва иҷроиши меъёрҳои дараҷаи 1 бароинизоми мазкури гурӯҳҳои «Хатсайр»;

- дар зинаҳои мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ ва маҳорати олии варзишӣ - мавҷуд будани маълумоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ аз рӯи тахассус на камтар аз 3 сол, барои низоми гурӯҳи «Хатсайр» мавҷуд будани унвони кадрии «Дастурдиҳандаи калони сайёҳии кӯҳӣ» ва иҷроиши меъёрҳои Номзад ба устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон барои низоми мазкури гурӯҳҳои «Хатсайр»;

40. Шумораи лозимаи талаботи кадрӣ дар асоси тарифгузории ҳайати мураббиён, нишондодҳои нақшавӣ-ҳисоботии шумораи нафарҳо, ки барномаи тайёрии варзиширо амалӣ менамоянд ва реҷаи истифодаи иншоотҳои варзише, ки дар онҳо иҷроиши барномаҳо амалӣ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

7. Талабот ба базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори ташкилоте, ки тайёрии варзиширо амалӣ менамояд ва дигар шартҳо

41. Яке аз шартҳои асосии амалигардонии Барнома, тайёр намудани варзишгарон- сайёҳон оид ба сайёҳии кӯҳӣин мавҷуд будани ташкилотҳое, ки ин тайёриро амалӣ мегардонанд, ба шумор меравад.

42. Тайёрии варзишии варзишгарон-сайёҳон оид ба сайёҳии куҳӣ метавонад дар базаи шуъба ва бахшҳои сайёҳии кӯҳии ҷумҳуриявӣ ва минтақавии марказ ва базаҳои машқию таълимӣ , омӯзишгоҳи захираи олимпӣ, мактабҳои махсусгардонидашудаи варзишии захираи олимпӣ мактабҳои варзишӣ, клубҳои варзишӣ, клубҳои тайёрии ҷисмонӣ, клубҳои сайёҳӣ-варзишӣ ва клубҳои сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

43. Базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори ташкилотҳое, ки тайёрии варзишии варзишгарон-сайёҳонро оид ба сайёҳии кӯҳӣамалӣ мегардонанд, дар худ бояд таҷҳизотҳои роҳҳои сайёҳӣ, иншоотҳои варзишӣ, таҷҳизот, лавозимот, асбобу олот ва либосу анҷоми варзишие, ки ба талаботи ҳозира ва меъёрҳо ва стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, дошта бошанд.

44. Талаботи умумӣ ба базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори ташкилотҳои дар боло зикргардида, ки тайёрии варзишии варзишгарон-сайёҳонро оид ба сайёҳии кӯҳӣамалӣ менамоянд ва дигар шароитҳо:

- мавҷуд будани роҳҳои муҷоҳозонидашуда;
- мавҷуд будани толори машқию варзишӣ;
- мавҷуд будани толори треножорӣ;
- мавҷуд будани утоқи таълимӣ бароимашғулиятҳои дастурию таълимӣ бо харитаҳои Хатсайр ва маводҳои таълимӣ таъминшуда;

- мавҷуд будани ҷои либоскашӣ ва ҳамом;
- мавҷуд будани утоқи тиббӣ;
- таъмин кардан бо таҷҳизот, лавозимотҳои варзишӣ ва либосу анҷоми варзишие, ки барои гузаштани тайёрии варзишӣ оид ба сайёҳии кӯҳӣзарур аст; низоми гурӯҳҳои «Хатсайр» ё «Масофа»-и намуди сайёҳии кӯҳӣ(НақшаиА.12.1 ва А.12.2 ба Стандарти давлатӣ );
- таъмини рафтан ба ҷои баргузории чорабиниҳои варзишӣ ва бозгашт;
- таъмин намудан бо хӯрок ва ҷои хоб дар давраи баргузории чорабиниҳои варзишӣ;
- амалигардонии таъмини тиббӣ ба шахсоне, ки тайёрии варзиширо мегузаранд, аз ҷумла ташкили назорати мунтазами тиббӣ.

45. Талабот ба базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори ташкилотҳое, ки тайёрии варзишгарон-сайёҳонро амалӣ мегардонанд, дар худ махсусияти намуди сайёҳии кӯҳӣдорад, ки онҳо тайёрии варзиширо амалӣ мегардонанд.

46. .Барои амалигардонии барномаи тайёрии варзишӣ оид ба сайёҳии кӯҳӣ, ба ғайр аз талаботҳои умумии дар боло номбаршуда ба базаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтор, мавҷуд будани базаҳои моддӣ-техникие (объект ва иншоотҳои варзишӣ, таҷҳизотҳои варзишӣ, лавозимотҳо, асбобу олот ва либосу анҷом), ки ба талабот ва хусусияти конкретии сайёҳии кӯҳӣ ҷавобгӯ мебошанд, заруранд.

## 8. Талабот ба объект ва иншоотҳои варзишӣ

47. Ташкилоте, китайёрии варзишии варзишгарон-сайёҳонро оид ба сайёҳии кӯҳӣ дар шароити баландкӯҳӣ амалӣ мегардонанд, бояд дар барномаи худ Хатсайрҳои сохташуда ва ҷиҳозонидашудаи категорияи гуногуни вазниние, ки гузариши ағбаҳои кӯҳ, , болоравӣ дар баландии кӯҳ, қуллараҳаҳои силсилакӯҳро дар бар мегирад, дошта бошад. Ҳамаи Хатсайрҳо бояд бо  ашёи бехатарӣ ва вобаста ба имконият бо қоидаҳои ҷиҳозонидашуда барои истироҳати варзишгарон-сайёҳон санҷида шаванд. Дар авали Хатсайр бояд стансияҳои кӯҳӣ бо хонаҳои дастурдиҳанда, роҳбалад ва харитаҳои муфассали Хатсайр мавҷуд бошанд.

## 9. Талабот ба таҷҳизот, лавозимот, асбоб ва либосу анҷоми варзишӣ

48. Барои таъмини амалигардонии барномаи тайёрии варзишии варзишгарон-сайёҳон вобаста ба сайёҳии варзишии дар боло зикршуда, доштани таҷҳизот, лавозимот, асбоб ва либосу анҷоми махсус, бо дарназардошти махсусияти намудҳои ҷудогонаи сайёҳии кӯҳӣ зарур аст.

49. Номгӯи таҷҳизот, лавозимот, асбоб ва либосу анҷом барои сайёҳии кӯҳӣ дар замимаҳои А.12.1 ва А.12.2 ба Стандарти давлатӣ -и мазкур дарҷ гардидаанд.

НақшаиА.1 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.1 - Давомнокии зинаҳои тайёрии варзишӣ, синну соли минималӣ барои дохил намудандар зинаҳои тайёрии варзишӣ ва шумораи минималии шахсоне, ки тайёрии варзиширо дар гурӯҳҳои зинаҳои тайёрии варзишии намуди варзиши сайёҳии кӯҳимегузаранд

| Зинаҳои тайёрии варзишӣ | Давомнокии зинаҳо (дар сол) | Синну соли минималӣ барои дохил шудан ба гурӯҳҳо (сол) | Пуршавии гурӯҳҳо (нафар) |
|---|---|---|---|
| Зинаи тайёрии ибтидоӣ | 2 | 14 | 6-8 |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаитахассуси варзишӣ) | 3 | 16 | 5-7 |
| Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | бе маҳдудият | 18 | 4-8 |
| Зинаи маҳорати олии варзишӣ | бе маҳдудият | 18 | 21-4 |

Тавзеҳот ба ҷадвал:

- роҳ дода мешавад ба таълимгирандагони дохилшуда ба зинаи тайёрии ибтидоӣ фавран ба соли 2-юм ва 3-юми таълим мувофиқи синну соле, ки дар ҷадвал дарҷ гардидааст, бо шартҳои иҷро кардани меъёрҳои санҷишие, ки дар барномаи таълим муайян шудааст;

- ба зинаи тайёрии варзишӣ таълимгирандагоне, ки тайёрии ҳатмиро дар зинаи тайёрии ибтидоӣ на кам аз 1 сол гузаштаанд, дохил карда мешаванд, бо шартҳои иҷро кардани мъеъёрҳи санҷишӣ-интиқолие, ки дар барномаи таълимӣ дарҷ шудааст ва ба синну соли дар ҷадвал муайянгардида расидаанд;

- интиқоли таълимгирандагон, инчунин фаврӣ ба зинаимукаммалгардонии маҳорати варзишӣбо иҷрои шартҳои зерин амалӣ мегардад:

а) иҷро кардани меъёрҳои санҷишӣ оид ба тайёрии умумӣ ва махсуси ҷисмонии дар барномаи таълимӣ дарҷгардида;

б) иҷро кардани талаботҳои дараҷавӣ ё гирифтани таҷрибаи сайёҳӣ;

в) иҷозат додани диспансери тиббӣ- ҷисмонӣ ё комиссияи тиббӣ;

- интиқол ба зинаи маҳорати олии варзишӣ ҳангоми иҷрои меъёрҳои ба унвони Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирок дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ дар ҳайати дастаи мухтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон ё гирифтани таҷрибаи сайёҳии дар ҷадвал дарҷгардида, амалӣ карда мешавад. Синну соли тълимгиранда дар ин зина метавонад маҳдуд карда нашавад.

НақшаиА.2.1 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.2.1 - Таносуби ҳаҷми раванди
тамринйоид ба тайёрии варзишӣ дар зинаҳои тайёрии варзишӣ дар
низоми гурӯҳи «Хатсайр, %»

| № | Намудҳои тайёрӣ | Зинаҳои тайёрӣ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Зинаи тайёрии ибтидоӣ | | | Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | | | | | Зинаи мукамал-гардонии маҳорати варзишӣ | | | Зинаи маҳорати олии варзишӣ |
| | | 1 | 2 | 2 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 1 | 2 | 3 | 1-3 |
| 1. | Назариявӣ(%) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 |
| 2. | Умумии ҷисмонӣ(%) | 40 | 35 | 30 | 24 | 24 | 17,5 | 18 | 14 | 12 | 9 | 9 | 9 |
| 3. | Маҳсуси ҷисмонӣ(%) | 10 | 15 | 14 | 14 | 16 | 17,5 | 18 | 20 | 18 | 20 | 20 | 20 |
| 4. | Тактикӣ-техникӣ (аз ҷумлаиштирок дар мусобиқаҳо)(%) | 20 | 20 | 28 | 34 | 34 | 36 | 36 | 38 | 38 | 38 | 38 | 38 |
| 5. | Корҳои психологӣ, тарбиявӣ(%) | 4 | 4 | 4 | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 6. | Машғулиятҳои амалӣ(%) | 16 | 16 | 14 | 13 | 11 | 10 | 8 | 8 | 7 | 7 | 7 | 5 |
| 7. | Таҷрибаи дастурӣ ва доварӣ(%) | - | - | - | - | - | 4 | 4 | 4 | 8 | 10 | 10 | 12 |
| 8. | Чорабиниҳои барқарорсозӣ (%) | - | - | - | 2 | 2 | 4 | 4 | 4 | 6 | 6 | 6 | 6 |
| 9. | Меъёрҳои санҷишӣ (%) | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 10. | Муоинаи тиббӣ (%) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

Нақшаи А.2.2 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.2.2 - Таносуби ҳаҷми раванди тамринӣ оид ба тайёрии варзишӣ дар зинаҳои тайёрии варзишӣ дар низоми гурӯҳи «Масофа, %»

| Қисми тайёрӣ | Зинаҳо ва солҳои тайёрӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зинаи тайёрии ибтидоӣ | | Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | | Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | Зинаи маҳорати олии варзишӣ |
| | 1 сол | зиёда аз 1 сол | то 2 сол | зиёда аз 2 сол | | |
| Тайёрии умумии ҷисмонӣ (%) | 44-56 | 44-56 | 40-50 | 27-35 | 24-30 | 24-30 |
| Тайёрии махсуси ҷисмонӣ (%) | 9-11 | 9-11 | 16-20 | 29-37 | 35-45 | 33-42 |
| Тайёрии техникӣ (%) | 24-31 | 26-34 | 20-26 | 17-23 | 12-16 | 12-16 |
| Тайёрии тактикӣ, назариявӣ ва психологӣ (%) | 6-8 | 4-6 | 6-8 | 6-8 | 8-10 | 4-6 |
| Иштирок дар мусобиқаҳо, таҷрибаи дастурӣ ва доварӣ (%) | 4-6 | 4-6 | 6-8 | 8-10 | 10-12 | 14-18 |

Нақшаи А.3.1 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.3.1 – Тақсимоти соатҳои таълимӣ оид ба солҳои таълим дар низоми гурӯҳи «Хатсайр»

| № | Қисми тайёрӣ | Зинаҳои тайёрӣ | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Зинаи тайёрии ибтидоӣ | | | Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | | | | | Зинаи мукамал-гардонии маҳорати варзишӣ | | | Зинаи маҳорати олии варзишӣ | | |
| | | 1 | 2 | 3 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 1 | 2 | 3 | 1 | 2 | 3 |
| 1. | Назариявӣ | 16 | 24 | 24 | 32 | 38 | 44 | 54 | 60 | 72 | 86 | 86 | 96 | 96 | 96 |
| 2. | Умумии ҷисмонӣ | 12 4 | 164 | 146 | 146 | 182 | 144 | 174 | 148 | 156 | 132 | 132 | 150 | 150 | 150 |
| 3. | Махсуси ҷисмонӣ | 32 | 70 | 64 | 96 | 122 | 144 | 174 | 220 | 238 | 304 | 304 | 350 | 350 | 350 |
| 4. | Тактикӣ-техникӣ (аз ҷумла иштирок дар мусобиқаҳо) | 64 | 96 | 130 | 212 | 246 | 300 | 336 | 394 | 474 | 552 | 552 | 632 | 632 | 632 |
| 5. | Корҳои психологӣ, тарбиявӣ | 10 | 16 | 16 | 18 | 18 | 18 | 18 | 18 | 18 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 |
| 6. | Машғулиятҳои амалӣ | 50 | 82 | 72 | 86 | 86 | 86 | 78 | 90 | 84 | 100 | 100 | 84 | 84 | 84 |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| 7. | Таҷрибаи дастурӣ ва доварӣ | - | - | - | - | - | 32 | 34 | 38 | 96 | 140 | 140 | 194 | 194 | 194 |
| 8. | Чорабиниҳои барқарорсозӣ | - | - | - | 12 | 14 | 32 | 36 | 40 | 74 | 86 | 86 | 98 | 98 | 98 |
| 9. | Меъёрҳои санҷишӣ | 12 | 12 | 12 | 16 | 16 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 |
| 10. | Санҷиши тиббӣ-биологӣ | 4 | 4 | 4 | 6 | 6 | 8 | 8 | 8 | 12 | 12 | 12 | 16 | 16 | 16 |
| | Ҷамъи соатҳо | 312 | 468 | 468 | 624 | 728 | 832 | 936 | 1040 | 1248 | 1456 | 1456 | 1664 | 1664 | 1664 |

Накшаи А.3.2 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.3.2 - Меъёрҳои ҳаҷми максималии сарбории тамрин дар низоми гурӯҳи «Масофа»

| Меъёри зинавӣ | Зинаҳо ва солҳои тайёрии варзишӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зинаи тайёрии ибтидоӣ | | Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | | Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | Зинаи маҳорати олии варзишӣ |
| | то 1 сол | зиёда аз 1 сол | то 2 сол | зиёда аз 2 сол | | |
| Миқдори соатҳо дар ҳафта | 6 | 9 | 12 | 18 | 24-28 | 32 |
| Миқдори машқӣ дар ҳафта | 3-4 | 3-4 | 4 | 6 | 6 | 10-12 |
| Миқдори умумии соатҳо дар сол | 312 | 468 | 624 | 936 | 1248-1456 | 1664 |
| Миқдориу мумии машқӣ дар сол | 156-208 | 156-208 | 208 | 312 | 288 | 520-624 |

НақшаиА.4а ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.4а - Нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи фаъолияти мусобиқавӣ дар низоми гурӯҳи «Хатсайр»

| Зинаи тайёрӣ | Соли таълим | Хатсайри асосӣ (к.с.) | Хатсайрҳои санҷишию тайёршуда |
|---|---|---|---|
| Зинаи тайёрии ибтидоӣ | 1 | | Мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро кардани 2-3-роҳпаймоии дараҷавӣ |
| Зинаи тайёрии ибтидоӣ | 2 | 1 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро кардани 2-3-роҳпаймоии дараҷавӣ |
| Зинаи тайёрии ибтидоӣ | 3 | 2 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро кардани 2 роҳпаймоиҳо 1 к.с., оид ба гурӯҳҳоиинтихобкарда (намуди сайёҳӣ) |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | 1 | 2* | Мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро кардани 2-3 роҳпаймоиҳо 1 к.с. Хатсайрҳо бояд душвории муайяни техникӣ васатҳи баланди шиддатнокӣ (мисол, давомнокии кӯтоҳ, километражи калон ва ғ.) дошта бошанд. |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | 2 | 3 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ иҷро кардани 2 роҳпаймоиҳо.: 1 к.с. ва1роҳпаймоӣ 2 к.с., аммо яке аз роҳпаймоӣ бояд 1-2 МЛдушвории максималӣ барои роҳпаймоӣ 2 к.с. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | дошта бошад. Хатсайрҳои тайёрӣ 1 к.с. бояд душвории муайяни техникӣ ва сатҳи баланди шиддатнокӣ (мисол, давомнокии кӯтоҳ, километражи дароз ва ғ.) дошта бошанд. Роҳпаймоӣ 2 к.с. оид ба хусусиятҳои тактикӣ-техникӣ боядмукаммал кардани роҳпаймоии асосӣ 3 к.с.. |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | 3 | 3* | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 1 роҳпаймоӣ 1 к.с. ва 1-2 роҳпаймоиҳо 2 к.с., аммо яке аз роҳпаймоӣ бояд ҳадди болоии душворӣ барои 2 к.с. Хуб мешуд, ки яке аз роҳпаймоӣ 2 к.с. хусусиятҳои тактикӣ-техникӣ роҳпаймоии асосӣ 3 к.с.-ро. мукаммал гардонад. |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | 4 | 4** | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 1 роҳпаймоӣ 1 к.с. ва 1 роҳпаймоӣ 2-3 к.с., аммо роҳпаймоӣ 2-3 к.с. бояд 1-2 МЛ душвории максималӣ барои роҳпаймоӣ 3 к.с. дошта бошад. Хуб мешуд, ки яке аз роҳпаймоӣ 2-3 к.с. бо хусусиятҳои тактикӣ-техникӣ роҳпаймоии асосӣ 4 к.с.-ро мукаммал гардонад. |
| Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | 5 | 4*-5 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 1 роҳпаймоӣ 1 к.с. ва 1 роҳпаймоӣ 2-3 к.с., аммо яке аз роҳпаймоӣ бояд 1-2 МЛдушвории максималӣ барои роҳпаймоӣ 4 к.с. дошта бошад. Хуб мешуд, ки |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | яке аз роҳпаймоӣ 2-3 к.с. бо хусусиятҳои тактикӣ-техникӣ роҳпаймоии асосиро мукаммал гардонад. |
| Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | 1 | 5* | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 2 роҳпаймоӣ 2-3 к.с. аммо яке аз роҳпаймоӣ бояд 1-2 МЛ душвории максималӣ барои роҳпаймоӣ 5 к.с. |
| Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | 2 | 5 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 2 роҳпаймоӣ 2-3 к.с. аммо яке аз роҳпаймоӣ бояд 1-2 МЛ душвории максималӣ барои роҳпаймоӣ 5 к.с. |
| Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | 3 | 6 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 1 роҳпаймоӣ 2 к.с. ва 1 роҳпаймоӣ 4 к.с. |
| Зинаи маҳорати олии варзишӣ | ба шароити шартнома | 6 | Мувофиқи нақшаи таълимӣ ичро кардани 1 роҳпаймоӣ 2 к.с. ва 1 роҳпаймоӣ 4 к.с. |

Аломатҳои зина:

МЛ – монеаи локалӣ
*- роҳпаймоӣ дар дигар ноҳияи ҷуғрофӣ
**- роҳпаймоӣ оид ба низоми гурӯҳҳои омехта (намуди сайёҳӣ).

Нақшаи А.4.2 ба Стандарти

давлатии тайёрии варзишӣ оид ба
намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.4.2 - Нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи фаъолияти мусобиқавӣ дар низоми гурӯҳи «Масофа»

| Намудҳои мусобиқа | Зинаҳо ва солҳои тайёри варзишӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зинаи тайёрии ибтидоӣ | | Зинаи машқӣ-варзишӣ (зинаи тахассуси варзишӣ) | | Зинаи мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ | Зинаи маҳорати олии варзишӣ |
| | то 1 сол | зиёда аз 1 сол | то 2 сол | зиёда аз 2 сол | | |
| Назоратӣ | 2-3- | 3-6 | 3-4 | 3-4 | 3-4 | 3-6 |
| Интихобӣ | - | - | 2-3 | 3-4 | 4-5 | 6-8 |
| Асосӣ | - | - | 4-6 | 5-7 | 6-10 | 8 -12 |

НақшаиА.5 ба Стандарти
давлатии тайёрии варзишӣ оид ба

намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

Ҷадвали А.5 - Таъсирнокии сифатҳои ҷисмонӣ ва тану тӯш (ҷусса)дар натиҷадиҳӣ оид ба намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

| Сифатҳои ҷисмонӣ (қобилиятҳои муҳаррикӣ-мутобиқатӣ) ва тану тӯш (ҷусса) | Дараҷаи таъсирнокӣ | |
|---|---|---|
| | «Хатсайр» | «Масофа» |
| Қобилияти қуввавӣ; қобилияти комплексӣ бо изҳори қисмати қувва ( суръативу қуввавӣ; тобоварии қуввавии статикӣ ва динамикӣ) | 3 | 3 |
| Қобилияти суръатнокӣ: чолокии реаксияи муҳаррикӣ; чолокии ҳаракат; суръат. | 3 | 3 |
| Тобоварии умумӣ ва махсус; суръатӣ; қуввавӣ; суръативу қуввавӣ; мутобиқативу муҳаррикӣ | 3 | 3 |
| Мустаҳкамии мувозинат | 3 | 3 |
| Қаишӣ | 2 | 3 |
| Тану тӯш (ҷусса) | 2 | 2 |

Аломатҳои шартӣ:

3 -  таъсирнокии муҳим;

2 – таъсирнокии миёна;

1 – таъсирнокии номуҳим.

НақшаиА.6.1 ба Стандарти давлатии тайёрии варзишӣ оид ба

намуди варзиши сайёҳии кӯҳӣ

